# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))*

Дар арсаи ҷаҳонишавӣ мунтазам тағйиру такмилёбии донишҳои фарҳангиву маърифатӣ ва васеъгардии доираи муоширату муносибатҳо ба таври назаррас эҳсос мегардад. Дар ин раванди пурталотум барои тарбия намудани инсони бомаърифати дорои ифтихори миллӣ таълими босамари забону адабиёти миллат нақши муҳим мебозанд. Махсусан, адабиёт фанни инсонсоз буда, барои дар муҳассилин парвариш додани ҳуввияти миллӣ, ки яке аз талаботи муносибати босалоҳият мебошад, равона гардидааст ва таълими он ҳамзамон тарзу равишҳои тозаро тақозо менамояд. Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар таълими адабиёт барои омӯзгорон пеш меояд, донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи манзум мебошад, ки муалифи тадқиқоти номбурда онро аз нигоҳи низоми нав баррасӣ ва таҳия намудааст.

Омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле умда буда, аз омӯзгорон маҳорату истеъдоди махсусро талаб мекунад, то ки тавонанд хонандагонро ба дарки сухани адиб равона созанд ва ба ин васила онҳоро дар руҳияи накӯкорӣ, инсондӯстӣ, ҳувияти миллӣ, илмомӯзиву маърифпарварӣ, яъне ҳамчун шахсият тарбия карда тавонанд. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми

омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шароити кунунӣ яке аз муҳимтарин масоили муассисаҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро ба анҷом расонидааст. Зеро татбиқи муносибати босалоҳият дар каломи бадеъ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳоти таҳсилотӣ талаби замон буда, интихоби мавзуъ, ки дорои аҳаммияти назарию амалӣ аст, аз ин ҷо сарчашма мегирад. Довталаб таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархӯри ниёзҳои ҷомеаи имрӯза буда, аз соҳиб будан ба салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ, маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Бо боварии том диссертатсияи Султомамадова М.А.-ро кори илмии бaанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамчунон бояд зикр кард, ки дар тадқиқоти мазкур ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ роҳ дода шудааст, агарчӣ онҳо ба мазмуну моҳияти кори илмӣ таъсири ҷиддӣ нарасонанд ҳам, вале бартараф кардани онҳо ҳатмӣ мебошад.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намудааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти илмии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26

ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қосимӣ С.А.

04.12.2024 с.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;

Имзои С. Қосимиро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мустафозода А.А.